**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШ**

аз «30» марти соли 2021 № 79/м ш. Душанбе

Оид ба ворид намудани маҷаллаҳои
илмӣ ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои)
илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи банди 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Қоидаҳои таҳияи Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/2),

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Маҷаллаи илмии «Суханшиносӣ»-и Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли нашр – 2010, ISSN: 2308 - 7420) ворид карда шавад.
2. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: дархостномаи Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2020, №384/20; қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ ва тарҷумонӣ (суратҷаласа аз 15 марти соли 2021, № 9) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2021, №3.

Раис Розиқзода А.Ш.